# 07 00 00 ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ва АРХЕОЛОГИЯ
# 07 00 00 ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ и АРХЕОЛОГИЯ
# 07 00 00 HISTORICAL SCIENCES and ARCHEOLOGY

### 07 00 02 ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ
### 07 00 02 HOME HISTORY

***УДК 94 (100)65***
***ББК 63.3 (5Т)***

***ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ АРТЕЛИ “БОФАНДА” ДАР ШАҲРИ ХУҶАНД (1926 – 1943)***

***Исмоилов Умедҷон Шаробидинович,*** *докторанти PhD, кафедраи таърихи Ватан ва археологияи МДТ “ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров”, (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ОРГАНИЗАЦИЯ И ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ АРТЕЛИ “БОФАНДА” В ГОРОДЕ ХУДЖАНДЕ (1926 – 1943)***

***Исмаилов Умедджон Шаробидинович,*** *докторант PhD кафедры отечественной истории и археологии ГОУ «ХГУ имени академика Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

***ORGANIZATION OF ACTIVITIES OF “BOFANDA” ARTEL IN KHUJAND (1926 – 1943)***

***Ismailov Umedjohn Sharobidinovich,*** *Doctoral student, PhD of the department of history and archeology under the State Educational Institution (SEI) “Khujand State University named after academician B.Gafurov (Tajikistan, Khujand)* ***E- MAIL:*** *Umedjon.2022@list.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *таърихи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳунармандӣ, саноати сабук, саноатикунонӣ, артели “Бофанда”, ҳаракати кооперативӣ, кооперативи “Бофанда”*

*Таърихи пайдоиш ва рушди нахустин артел дар ҶШС Тоҷикистон – артели “Бофанда”, ки ташаккули соҳаи саноати сабуки мамлакат аз он огоз мeёбад, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таъкид шудааст, ки артел қадами аввалин дар роҳи саноатикунонии мамлакат мебошад. Роҷеъ ба марҳилаҳои ташаккули артели “Бофанда” – аз ташкил шудани кооперативи нахустин дар ш.Хуҷанд бо номи “Бофанда” (соли 1920), давраи инкишофёбии он (солҳои 1926-1932)ва давраи ба фабрика табдил ёфтани он (солҳои 1932-1943)- маълумоти муфассал оварда шудааст. Аксари додаҳои омории мақола, ки муаллиф аз бойгониҳо гирд овардааст, бори нахуст ба муомилоти илмӣ ворид карда мешавад. Ҳайати кормандони артел аз рӯи ҷинс ва мансубияти миллӣ таҳлил шудааст. Саҳми артели “Бофанда” дар ташаккул ва пешрафти иқтисодиёти мамлакат, аз ҷумла комёбиҳои саноати сабук ва факту рақамҳои оморӣ исбот карда шудааст.*

***Ключевые слова:*** *новейшая история Республики Таджикистан, ремесленничество, легкая промышленность, индустриализация, артель, кооперативное движение, кооператив «Бофанда»*

*Рассматривается история возникновения и развития в Таджикистане первой ткацкой артели «Бофанда», с которой начинается история развития легкой промышленности. Подчеркивается, что артель «Бофанда» считается первым шагом на пути индустриализации страны. Приведена подробная информация о периодах функционирования артели «Бофанда» - от организации первого кооператива в г.*

*Худжанде под названием «Бофанда» (1920 г.), периоды его становления в 1926-1932 гг. и преобразования в фабрику (1932-1943 гг.). Большая часть статистических данных, собранных в архивах, впервые вводится в научное обращение. Проведён анализ состава работников артели по половой и национальной принадлежности, что было актуально в исследуемый период. На основе статистических данных и цифровых показателей доказана активная роль артели «Бофанда» в формировании и развитии экономики страны, в том числе в достижениях легкой промышленности.*

**Key-words:** *the newest history of Tajikistan Republic, artisanship, light industry, industrialization, artel (cooperative association of workers), cooperative movement, "Bofanda" cooperative ("Weaving")*

*The article dwells on the history of upspringing and development of the first artel in the Tajik SSR – that of "Bofanda" since which there incepts the history of light industry evolution. It is underscored that "Bofanda" artel is considered to be the first step on the way to the country`s industrialization. The detailed information is adduced about the period of "Bofanda" artel functioning – since the organization of the first cooperative in Khujand under the title of "Bofanda" (1920), the periods of its formation in the years of 1926 – 1932 and its transformation into a factory (1932 – 1943). The most part of statistical data collected in the archive is introduced firstly into scientific circulation. The author has adduced the analysis of artel`s staff with the emphasis on sex and national appurtenance, as it was actual in the period investigated. Designing on the premise of statistical data and digital indices, the author has proved the role of "Bofanda" artel in the formation and development of the country`s economy, the achievements of light industry inclusive.*

Артел ин иттифоқи соҳибихтиёронаи одамон барои меҳнати дастаҷамъона мебошад, ки маҳсули меҳнати онҳо байни ҳам баробар тақсим карда мешавад. Артелҳо дар соҳаҳои истеҳсолот, хизматрасонӣ ва истеъмолӣ ташкил карда мешуданд. Ҳадафи артелҳо муттаҳид намудани коргарон ва баланд бардоштани сифату ҳаҷми маҳсулот мебошад.

Оид ба масъалаи пайдоиши калимаи артел ду нуқтаи назар мавҷуд аст. Ба ақидаи олимони гурӯҳи якум ин вожа решаи туркию тоторӣ (орта-ҷомеа, ортак- умумӣ) дорад (ниг. 23, с.83).

Нуқтаи назари дуюм аз ҷониби М. Фасмер ва академик Ф. Корш пешниҳод гардидааст, ки мувофиқи он артел аз калимаи итолиёвии — «urtigiano» гирифта шуда, маънояш ҳунарманд мебошад. Таърихи ворид шудани ин калима ба забони русӣ он қадар равшан нест[23]. Ин калима аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ дар охири асри XIX ворид гардидааст.

Артелҳо дар асоси шартномаи байниҳамдигарии аъзои онҳо ташкил меёфт. Дар баъзе ҳолатҳо ин давраи дуру дарозро дар бар мегирифт, зеро расмигардонии он вақти зиёдро мегирифт. Ин ҳолат ба шакл ва ҳаҷми артел вобаста буд. Артел маъмулан аз коргарони ҳамсинну сол ва баробарҳуқуқ ташкил мегардид. Дар аввал артелҳо дар асоси муносибатҳои хешутаборӣ ва миллӣ ташкил меёфт. Бо гузашти вақт артел бештар хусусияти иқтисодӣ пайдо намуд. Идораи артел дар зиммаи сардор буд, ки дар ҷамъомади умумӣ интихоб карда мешуд. Ғайр аз ин маъмулан ду ёвари сардор интихоб мешуд. Ёварон аксаран вазифаи нозиронро иҷро мекарданд. Сардор унвони пешворо дошт ва дар фаъолияти артел нақши марказиро иҷро мекард[24].

Артелҳо ҳам барои иҷрои корҳои мавсимӣ ва ҳам барои иҷрои корҳои доимӣ ташкил меёфтанд. Аз рӯи хусусияташон артелҳо ба намудҳои зерин ҷудо мешуданд:

1. Артелҳои кишоварзӣ

2. Артелҳои истеҳсолӣ (саноатӣ)
3. Артелҳои хизматрасонӣ
4. Артелҳо дар соҳаи санъат [18]

Шакли одӣ ва оғози истеҳсолоти артелиро кооперативҳо ташкил медоданд, ки фарқашон аз артелҳо дар мутамаркиз набудани онҳо буд.

Инак мехоҳем оид ба таърихи яке аз артелҳои соҳаи саноати сабук дар шаҳри Хуҷанд артели “Бофанда” маълумоти муфассал дода бошем.

Бофандагӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини саноати сабук ба шумор рафта, дар ташаккули иқтисодиёти ҳар мамлакат нақши бузург дорад. Инкишофи ин соҳа ба рушди як қатор соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон раванди ташаккули ин соҳа аз ташкили нахустин артели “Бофанда” оғоз ёфтааст.

Бояд зикр намуд, ки доир ба артели “Бофанда” дар тадқиқоти олимон Ғ.Ҳ. Ҳайдаров,[25, 23] Н.Ҳакимов[27] ва Р.Набиева[22] каму беш маълумот оварда шудааст.

Инчунин баъзе аз фактҳоро аз китобҳои “Таърихи Ленинобод”[19] “Таърихи халқи тоҷик”, Таърихи навтарин (1917 – 1941)”[20] ва “Таърихи синфи коргар”[21] дарёфт намудан мумкин аст.

Дар оғози асри XX дар шаҳри Хуҷанд 4500 устохонаҳои ҳунармандӣ мавҷуд буд, ки дар онҳо асосан матоъ истеҳсол мекарданд. Бояд гуфт, ки дар ин соҳа 103 касб мавҷуд буд. Масалан, танҳо барои тайёр кардани ғози пахта 3 марҳиларо гузаштан лозим буд, ки дар ҳар яке аз онҳо коргарони касбу кори алоҳида кор мекарданд. Марҳилаи нахустин тайёр кардани ресмон буда, аз пиллакашӣ, аштобчигӣ, даврагарӣ, тоза кардани пахта, пахтакашӣ ва ресмонресӣ иборат буд.

Коркарди ресмон дар навбати худ ба 3 марҳила – ишқоркунӣ, рангубор ва кабудгарӣ тақсим мешуд. Мутахасисони махсус ба корҳои абрбандӣ, нақшандозӣ, тегбандӣ, гулбардорӣ машғул буданд.

Дар солҳои 20-ум дар Осиёи Миёна асосан устохонаҳои ҳунармандӣ фаъолияти густурдаи худро ба роҳ монда буданд, зеро дар ин минтақа саноат талаботи мардумро пурра қонеъ карда наметавонист. Дар баъзе маҳалҳо ҳатто ягон корхонаи саноатӣ мавҷуд набуд. Мардум аз ҳисоби ҳунари дастӣ зиндагӣ мекарданд.

Ҳунармандон мавқеъ ва мақоми баланд доштанд. Онҳо дар назди худ шогирдони зиёд тарбия мекарданд. Ҳукумати Шӯравӣ бо мақсади зиёд кардани маҳсули меҳнати ҳунармандон дар оғози солҳои 20-ум онҳоро ба артелҳо ҷалб намуд. Сиёсати мазкур ба ташаккул ёфтани синфи коргари тоҷик мусоидат намуд.

Барои пурра дар амал татбиқ намудани сиёсати нави иқтисодӣ дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ ҳукумат бо роҳи маҷбурӣ муттаҳид намудани ҳунармандонро низ оғоз намуда буд. Барои ҳунармандон ду шакли артел артелҳои мутамаркиз ва пароканда пешниҳод гардида буд. Онҳое, ки мехостанд дар хонаҳояшон кор кунанд, ба артелҳои пароканда ҷалб карда шуда буданд. Дар миёни ҳунармандон онҳое низ буданд, ки мехостанд мустақилона фаъолият баранд. Маҳсулоти ин гурӯҳи ҳунармандон дар бозор харидори кам дошт, зеро фишори ҳукумат барои амалӣ гардонидани сиёсати нави иқтисодӣ меафзуд. Дар натиҷа онҳо низ маҷбур шуданд дар артелҳо муттаҳид шаванд ва бо ин роҳ зиндагии худро пеш баранд.

Солҳои 1923-1924 дар ҳудуди Тоҷикистон теъдоди кооперативҳои ҳунармандӣ афзуда, шумораи зиёди ҳунармандонро муттаҳид намуда буданд. Бояд гуфт, ки артел дар

пешрафти саноати замони шӯравӣ мақоми хосро ишғол мекард. Артелро қадами аввалин дар роҳи саноатикунонии мамлакат номидан мумкин аст.

Ҷорӣ гардонидани сиёсати нави иқтисодӣ дар аввал аҳволи иқтисодии ҳунармандонро хеле бад кард. Аммо бо гузашти вақт қариб 90% - и ҳунармандон дар артелҳо муттаҳид карда шуданд, ки ин раванд ба афзоиш ёфтани истеҳсолоти артелӣ шароити мусоид фароҳам овард.

Аз соли 1920 сар карда давлат фармоишгари асосии корхонаҳои ҳунармандӣ гардид. Агар ҳунарманд маҳсулоти истеҳсолкардаашро фурӯхта наметавонад, давлат онро мехарид. Ин иқдом имкон дод, ки, аввалан, ҳунармандӣ аз байн наравад ва, сониян, дар солҳои 1917 – 1924 он ба соҳаи асосии бо маҳсулоти саноатӣ таъмин намудани талаботи шаҳру деҳот гардад.

Бо ин роҳ Ҳукумати Шӯравӣ ҳадафҳои сиёсӣ ва иқтисодии худро амалӣ мекард. Боварии коргарон ва деҳқонон сабаби асосии мустаҳкамшавии Ҳукумати Шӯравӣ гардид. Аммо дар баробари ҳамаи ин чорабиниҳо ба буҷаи давлат хисороти зиёд меовард. Ҳукумат маҷбур шуд, ки молҳоро дар шакли асл ба коргарон ба ҷои маош диҳад.

Дар давраи омӯхташаванда тамоми ҳунармандони минтақа аз истеҳсолоти хусусӣ, ки хоси шаҳрҳои асримиёнагӣ ва феодалӣ буд, ба истеҳсолоти дастаҷамъона гузаштанд. Бояд ёдовар шавем, ки ин раванд барои ба воя расидани синфи коргари тоҷик заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар ин самт махсусан қарорҳои зерини Ҳизби Коммунисти (б) ИҶШС нақши муҳим бозидаанд:

Санаи 11 майи соли 1927 қарори КМ ҲК (б) ИҶШС оиди “Артелҳои саноатӣ” баромад. Дар ин қарор оид ба ҷоннок намудани корҳо дар самти муттаҳид намудани ҳунармандон дастурҳои муфид дода шуда буд.

Қарори дигари КМ ҲК (б) ИҶШС аз 3 сентябри соли 1928 “Дар бораи андешидани чораҳо оиди корҳои дастаҷамъӣ ва ташкилотҳои дастаҷмъӣ” баромад. Дар ин қарор вазифагузорӣ карда шуда буд, ки корҳои дастаҷамъӣ ҷоннок карда шуда, тамоми ҳунармандони мамлакат дар артелҳо муттаҳид карда шаванд.

Қарори КМ ҲК (б) ИҶШС аз 23 июли соли 1932 дар бораи “Артелҳои саноатӣ ва истеъмолӣ” дар ташаккули артелҳои саноатӣ ва истеъмолӣ нақши ҳалкунанда бозид. Дар қарор принсипҳои асосии саноатикунонӣ ба назар гирифта шуда буд.

Чи тавре ки дар боло зикр шуд, яке аз аввалин кооперативҳои истеҳсолӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ ин артели “Бофанда” ба ҳисоб мерафт. Таърихи ташаккул ва рушди артели “Бофанда” – ро ба се давра тақсим кардан мумкин аст:

1. Солҳои 1920 – 1926: давраи ташкилёбӣ.
2. Солҳои 1926 – 1932: давраи инкишофёбӣ.
3. Солҳои 1932 – 1943: давраи ба фабрика табдилёбӣ.

Дар давраи аввал яъне солҳои 1920 – 1926 дар мамлакат заминаи мусоид барои ташкил ёфтани артелҳои саноатӣ фароҳам оварда шуд. Дар ин миён артели “Бофанда” низ ташкил ёфт.

Соли 1920 аввалин кооператив бо номи «Бофанда» дар шаҳри Хуҷанд ташкил ёфт. Кооператив ин иттиҳоди ҳунармандон буд, ки онҳо якҷоя меҳнат карда, маҳсулот истеҳсол мекарданд. Артел низ айнан ҳамин хел иттиҳод ба ҳисоб мерафт. Иштибоҳ нахоҳад шуд, агар артелро манафактураи олӣ номем. Кооперативи «Бофанда» - и шаҳри Хуҷанд зиёда аз 1000 нафар, мӯзадӯзҳои Хуҷанд 100 нафар, артелҳои пахтатозакунӣ ва пахташоназанӣ 440 ҳунармандонро дар бар гирифта буданд[20, 243].

Давраи дуюм яъне солҳои 1926 – 1932 марҳилаи нави тараққиёти артели “Бофанда” ба ҳисоб меравад. Дар ин давра пояҳои моддӣ ва техникии артел мустаҳкам гардид.

Дар охири соли 1927 артели “Бофанда” зиёда аз 3500 нафар ҳунармандонро муттаҳид мекард, ки 1700 нафаршон хонакор буданд.

Соли 1927 дар шаҳри Хуҷанд фабрикаи бофандагӣ бо номи “Бофандаи сурх” аз нав ба кор оғоз кард, вале талаботи аҳолиро бо маҳсулоти саноатӣ, асосан матоъ, пойафзол, асбобу анҷоми корӣ ва рӯзгор корхонаҳои ҳунармандӣ таъмин мекарданд. Дар Тоҷикистон то охири соли 1929 зиёда аз 1300 ҳунарманд дар устохонаҳои давлатӣ ва тақрибан 4,5 ҳазор ҳунармандон дар корхонаҳои шахсӣ кор мекарданд. Бофандагӣ, ресандагӣ, рангуборкунӣ, кафшдӯзӣ, оҳангарӣ, заргарӣ касбҳои асосии ҳунармандон буданд. Давлат ба муттаҳид намудани онҳо низ шурӯъ карда буд. Ҳукумати Шӯравӣ дар маркази ҳамаи ноҳияҳо яктоги артели ҳунармандӣ кушода, таъмини онҳоро бо ашёи хом ба зиммаи худ гирифта буд. Баъзе аз ин артелҳо то кунун ҳам вуҷуд доранд. Баъзеи онҳо баъдтар ба фабрикаҳои давлатӣ табдил дода шуда буданд.

Соли 1929 сиёсати нави иқтисодӣ бекор карда шуда ба ҷояш саноатикунонӣ ҷорӣ гардид. Аммо дар шароити Тоҷикистон амалӣ гардонидани он ғайриимкон буд. Бинобар ин якчанд даҳсола зарур гардид, ки ин сиёсат пурра татбиқ гардад. Дар соҳаи бофандагӣ дар шаҳри Хуҷанд то миёнаҳои солҳои 40 – ум артелҳо мавҷуд буданд. Дар дигар шаҳру ноҳияҳои шимоли кишвар ин қабил артелҳо то солҳои 90 – ум ҳам вуҷуд доштанд.

Барои дар амал татбиқ намудани саноатикунонӣ дар мамлакат қадамҳои устувор гузошта шуд. Бо ҳамин мақсад ба иттиҳодияҳо муттаҳид намудани артелҳо оғоз гардид.

Санаи 1 январи соли 1930 ба ҳайати Иттиҳоди саноатии округи Хуҷанд 20 артел дохил мешуд, ки артели “Бофанда” бо 1355 нафар коргарон калонтарин ба ҳисоб мерафт[1]. Артел дорои як устохона буд, ки дар он 29 нафар кор мекарданд. Боқимонда 1326 нафари дигар дар хонаҳои худ машғули кор буданд. Даромади солонаи артели “Бофанда” ба 484818 рубл баробар шуд[2]. Ин нишондиҳанда дар солҳои минбаъда ба маротиб афзуд.

Бояд зикр намуд, ки дар натиҷаи зиёдшавии артелҳо масъалаи муттаҳид кардани онҳо ба миён омад. Санаи 19 январи соли 1930 комиссияи тафтишот дар ҳайати муовини ҷонишини Иттиҳоди саноатии округи Хуҷанд Бурибоев, сармутахассис А.Г. Некезаченко ва муҳосиб И.М. Икнова артелҳои “Бофанда” ва “Бофанди сурх”-ро тафтиш намуд. Дар натиҷаи таҳлил муайян карда шуд, ки дар ҳолати якҷоя кардани артелҳо суръати истеҳсолот суст мешавад. Бинобар ин тавсия дода шуд, ки фаъолияти артелҳоро дар солҳои минбаъда зери назорати сахт гирифта, ба онҳо қарзҳои имтиёзнок ҷудо карда шавад[3].

Дар солҳои 1926 – 1931 қисмати зиёди коргарони округи Хуҷанд ба бофандагӣ машғул буданд. Тақрибан 48%-и тамоми коргаронро бофандаҳо ташкил медоданд. Артели “Бофанда” дар ҷалби занон ба кори дастаҷамъӣ нақши калон мебозид. Дар ин бора ҳисоботи соли 1930 маълумоти муфассал медиҳад. Мувофиқи ин ҳисобот 52%-и коргарони артелро занон ташкил медоданд[4]. Барои ташаккули минбаъдаи артел соли 1930 ба маблағи 25000 рубл қарзи давлатӣ (заём) ҷудо карда шуд. Ин маблағҳо асосан барои дарёфти ашёи хом сарф карда шуд[5].

Фабрикаи “Бофандаи сурх” бошад дар соли 1930 ба маблағи 7575 рубл қарзи имтиёзнок гирифт, ки онҳоро моҳи сентябр дар байни 243 нафар коргарон тақсим карда дод. Ҳар як коргар аз 25 то 250 рубл қарзи имтиёзнокро соҳиб гардид[6]. Ин ба фаъолияти минбаъдаи онҳо таъсири мусбат расонид.

Дар соли 1931 аз фаъолияти артели "Бофанда" натиҷагирӣ карда шуд. Дар моҳи ноябри соли 1931 дар артели "Бофанда" 960 нафар кор мекарданд[7]. Сабаби асосии кам шудани коргарон ин ба артелҳои майда тақсим шудани артели "Бофанда" буд.

Артели "Бофанда" дар соли 1931 ба маблағи 1 миллиону 315 ҳазору 800 рубл маҳсулот истеҳсол намуд, ки ин нишондиҳанда танҳо 53,4%-и нақшаро ташкил медод. Сабаби асосии иҷро нагаштани нақша дар он буд, ки дар оғози сол шумораи коргарони артел ба маротиб кам шуд[8].

Дар баробари пешравиҳо дар артел камбудиҳо низ ҷой дошт. Мувофиқи аризаи раиси артели "Бофанда" В.П. Зайцов ба Комитети шаҳрии Ҳизби Комунистии (КШҲК) Хуҷанд дар ибтидои соли 1931 дар артел се мушкилоти асосӣ мавҷуд буд:

1. Таҷҳизоти кӯҳна.
2. Нарасидани қувваи корӣ.
3. Нарасидани ресмон барои бофандаҳо[9].

Моҳи ноябри соли 1931 "Иттиҳоди истеҳсолии артелҳои бофандагӣ" ташкил ёфт, ки ба ҳайати он артелҳои "Бофанда" ва "Занони озоди Шарқ" дохил мешуданд. Ба ин иттиҳод 1288 нафар ҳунармандон муттаҳид карда шуданд, ки 960 нафарашон коргарони артели "Бофанда" ва боқимонда 368 нафари дигарашон аз артели "Занони озоди Шарқ" буданд.

Дар оғози соли 1932 шумораи аъзои артели "Бофанда" 1240 нафарро ташкил медод, ки аз онҳо 1138 нафарашонро тоҷикону ӯзбекон ва 102 нафари дигарашонро намояндагони халқиятҳои гуногун ташкил медоданд[10].

Дар истеҳсолот ҳам пешравиҳои чашмрас ба назар мерасиданд. Аз ҷумла дар ду моҳи аввали соли 1932 аъзои артел ба маблағи 293 ҳазор рубл маҳсулот истеҳсол карданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 1931 171 ҳазор рубл зиёд аст[11].

Дар артели "Бофанда" соли 1929 1232 нафар коргарон кор мекарданд. Соли 1930 бошад миқдори коргарони артел 123 нафар зиёд шуда, ба 1355 нафар расид. Ин рақамҳо шоҳиди онанд, ки артели "Бофанда" рӯз то рӯз инкишоф меёфт. Дар соли 1931 шумораи коргарони артел аз ҳисоби ташкилёбии артелҳои майдаи бофандагӣ камшуда 960 нафарро ташкил медод[12].

Дар баробари зиёд шудани миқдори коргарони артели "Бофанда" даромад низ афзуд. Масалан агар соли 1930 даромади моҳонаи артел ба ҳисоби миёна 53 018 рублро ташкил намояд, пас дар соли 1931 даромади моҳонаи он ба 78 513 рубл баробар гардида, даромади умумӣ дар ҳаҷми 44,1% зиёд шуд[13].

Барои соли 1932 Комитети маҳаллии ноҳиявӣ дар назди артели "Бофанда" вазифаҳои зеринро гузошт:

1. Иҷрои пурраи нақшаи соли 1932.
2. Иҷрои нақшаи панҷсола дар асоси қарордоди шӯрои артел.
3. Иҷрои амру фармонҳои Иттиҳоди саноатии Хуҷанд.
4. Мусобиқаи фурӯши молҳои истеҳсолшуда.
5. Сохтани барномаи истеҳсолӣ[14].

Соли 1932 артел дар суратҳисобаш 148 ҳазору 366 рубл маблағи иловагӣ дошт, ки онро барои пешрафти худ истифода намуд[15]. Дар охири соли 1932 артели "Бофанда" бо артели "Бофандаи сурх" муттаҳид карда шуд, ки он номи артели "Бофандаи сурх"- ро гирифт. Сабаби асосии муттаҳид карда шудани ин артелҳо кам шудани аъзои онҳо ва коҳиши маҳсулнокии меҳнат буд.

Дар давраи сеюм (1932 – 1943) артел пурқувват гардида, шумораи коргарон ба маротиб афзуд. Дар ин давра заминаҳои бунёди фабрикаи калони бофандагӣ ба вуҷуд омад.

Соли 1932 фабрикаи “Бофандаи сурх” фаъолияти худро қатъ кард ва ба ҷойи он артели “Бофандаи сурх” таъсис ёфт. Баъд аз натиҷабардорӣ дар соли 1931, ки нишондиҳандаи ғайриқаноатбахш ба ҳисоб мерафт, аъзои артел ба хулосае омаданд, ки бояд самараи корро баланд бардоранд. Ин аст, ки дар таи чанд соли минбаъда артел ба муваффақиятҳои калон ноил гашт. Дар ин давра бо роҳи додани мукофотпулӣ ҳаҷм ва сифати маҳсулотро баланд бардоштанд. Инчунин бо роҳи бастани шартнома бо соҳаи кишоварзӣ ашёи хомро таъмин намуданд.

Бояд қайд кард, ки дар инкишофи ҳунармандӣ ва саноат дар ноҳияи Хуҷанд ҳаракати стахановчигӣ аҳамияти калон дошт. Артели шоҳибофии «Бофандаи сурх» дар соли 1935 барномаи квартали дуюмро пурра ва барзиёд иҷро намуд. Нақша 118,6% иҷро гардид. Танҳо истеҳсоли шоҳӣ дар артели мазкур 27 ҳазор метрро ташкил дод. Дар артел 132 нафар занҳо дар ин самт кор мекарданд, ки 66 нафарашон хеле фаъол буданд. Номи пешқадамони истеҳсолот аз қабили Ф. Қобилова, И. Раупова, И. Осимова, Раҳматова ва дигарон дар тамоми ҷумҳурӣ машҳур буд.

Бо шарофати ҳаракати стахановчигӣ артели «Бофандаи сурх» нақшаи нуҳмоҳаро 127% иҷро намуд. Артели «Бофандаи сурх»-и шаҳри Хуҷанд дар рақобат аз артели «Озодии занони Шарқ»-и шаҳри Душанбе қафо намемонд. Дар панҷ сехи артел мусобиқаи меҳнатӣ мерафт, ки дар ин мусобиқа 200 нафар иштирок мекарданд. Дар натиҷаи истифодаи методҳои стахановчигӣ артел 6 ноябри соли 1935 нақшаи солонаро 106% иҷро кард.[20, 81-82]

Монанди дигар артелҳо, артели “Бофанда” (баъдтар “Бофандаи сурх”) низ дорои низомнома буд. Артел дар таърихи мавҷудияташ се маротиба низомнома қабул кардааст:

1. Низомномаи якум соли 1924.
2. Низомномаи дуюм соли 1928.
3. Низомномаи сеюм соли 1932.

Чуноне ки ба мо маълум аст барои созмон додани артел аввал бояд самти фаъолияти онро муайян намуд ва онро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ қонунӣ гардонид. Низомномаи ташкилотҳои истеҳсолӣ 15 феврали соли 1927 аз ҷониби КМ ҲК ҶШС Ӯзбекистон таҳти №2 қабул гардида буд[16]. Ин низомнома ба округи Хуҷанд низ тааллуқ дошт, зеро дар ин давра Хуҷанд ба ҳайати ҶШС Ӯзбекистон дохил мешуд. Ин низомнома “Нормальный устав промысловой кооперативной артели (товарищество) под наименованием” (Низомномаи меъёрии артели истеҳсолӣ (рафоқат) зери номгузорӣ) ном дошт. Низомнома аз 10 бобу 98 модда иборат буд.

Якумин низомномаи “Трудовой кооперативный артель (товарищество)” (Артели меҳнатии кооперативӣ – рафоқат) соли 1925 қабул гардид. Ин низомнома аз 9 бобу 87 модда иборат буд[16].

Низомномаи дигар бо номи «Устав промыслового кредитного товарищество» (Низомномаи рафоқати истеҳсолии кредитӣ) соли 1924 қабул шуда, аз 9 боб в 152 модда иборат буд[15].

Дар низомномаҳои мазкур масъалаҳои ташкил, фаъолият, тафтишот ва тартиби барҳам додани ташкилотҳои истеҳсолии саноатӣ ва кооперативҳои истеҳсолию кредитӣ матраҳ гардидаанд.

Аз соли 1928 сар карда байни саноат ва деҳқонон шакли нави муносибати моливазкунӣ контрактатсия (шартнома) ба вуҷуд омад. Корхонаи саноатӣ бо деҳқонон шартнома мебаст, ки дар асоси он деҳқонон маҳсулоти истеҳсолкардаашонро бо нархи бозор ба корхонаҳо мефурӯхтанд. Дар байни артели “Бофанда” ва хоҷагиҳои деҳқонӣ низ айнан ҳамин хел

шартномаҳо баста шуданд. Масалан артел бо тамоми кооперативҳои пахтакории Хуҷанд шартномаҳои корӣ баста, ашёи хомро бо нархи давлатӣ харидорӣ менамуд.

Ин шакли шартнома то ба дараҷае деҳқононро ҳавасманд кард, ки то миёнаи соли 1929 57,6%-и хоҷагиҳои деҳқонӣ ба он дохил гардида буданд. Пахтакорӣ тамоман шартномавӣ шуда буд.

Дар натиҷаи чунин сиёсати дуруст ва саривақтӣ ҳам саноат ва ҳам кишоварзӣ баробар инкишоф ёфтанд. Дар амалигардонии ин сиёсат саҳми артелҳои кипшоварзӣ ва ҳунармандону косибон хеле калон буд.

Дар солҳои пешазҷангӣ артел қариб 50%-и маҳсулоти бофандагии Тоҷикистони Шимолиро истеҳсол мекард. Дар ин давра пояҳои моддӣ ва техникии артел пурқуваттар гардид. Соли 1943 артели "Бофанда" ба фабрикаи бофандагӣ табдил дода шуд.

Ҳамин тавр, артели "Бофанда" аз ҷумлаи аввалин артелҳои саноатӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ ба ҳисоб рафта, дар ташаккул ва пешрафти иқтисодиёти мамлакат саҳми бузург гузоштааст. Артели мазкур дар асоси "Сиёсати нави иқтисодӣ" ташкил ёфта буд. Маҳз ҳамин артел заминаи асосии ташкилёбии фабрикаҳои бофандагӣ гардидааст.

***Пайнавишт:***


1. *Бойгонии давлатии видояти Суғд. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №55. В. 35.*
2. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №56. В. 5.*
3. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №52. В. 20.*
4. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №56. В. 76.*
5. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №59. В. 6.*
6. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №71. В. 75-84.*
7. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №52. В. 5.*
8. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №2. Парвандаи №52. В . 5.*
9. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №53. В. 3.*
10. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №2. Парвандаи №52. В. 7.*
11. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №2. Парвандаи №52. В. 5.*
12. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №55. В. 21.*
13. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №50. В. 44.*
14. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №2. Парвандаи №52. В. 8.*
15. *БДВС. Хазинаи № 172. Рӯйхати №1. Парвандаи №1. В. 3.*
16. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №13. В. 1.*
17. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №14. В. 43.*
18. *Биржевые артели // Энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона в 86 т. (82 т. и 4 доп.). — СПб., 1890—1907.*
19. *История Ленинабада (Научно-популярный очерк). - Душанбе: Ирфон,1986. - 380 с.*
20. *История таджикского народа. Том 5. Новейшая история (1917-1941). - Душанбе, 2004. - 477 с.*
21. *История рабочего класса. Том 1.- Душанбе, 1978.*
22. *Набиева Р. Женщины Таджикистана в борьбе за социализм. - Душанбе, 1973.*
23. *Новиков И.А. «Артель»: этимология слова и термин в русском дореволюционном законодательстве (рус.) / Томский государственный университет // Научная редакция "История". — 2009. — 20 июля.*
24. *Толковый онлайн-словарь Д.Н. Ушакова.* www.dict.t-mm.ru. *(Дата обращения: 6 сентября 2019 г.).*

25. *Хайдаров Г.Х. Очерки истории социалистического строительства в Северном Таджикистане (1917-1937).- Душанбе, 1974. - 197 с.*
26. *Хайдаров Г. История Таджикской ССР.- Душанбе: Маориф, 1991.- 176 с.*
27. *Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе: Маориф, 2017. - 288 с.*

**Reference Literature:**

1. *Sughd Viloyat State Archive. Fund 172. Inventory 1. Case 55. Sheet 35.*
2. *SVSA (Sughd Viloyat State Archive). Fund 172. Inventory 1. Case 56. Sheet 5.*
3. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 52. Sheet 20.*
4. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 56. Sheet 76.*
5. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 59. Sheet 26.*
6. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 71. Sheets 75 – 84.*
7. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 72. Sheet 5.*
8. *SVSA. Fund 172. Inventory 2. Case 52. Sheet 5.*
9. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 55. Sheet 3.*
10. *SVSA. Fund 172. Inventory 2. Case 52. Sheet 7.*
11. *SVSA. Fund 172. Inventory 2. Case 52. Sheet 5.*
12. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 55. Sheet 21.*
13. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 50. Sheet 44.*
14. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 52. Sheet 8.*
15. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 1. Sheet 3.*
16. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 13. Sheet 1.*
17. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 14. Sheet 43.*
18. *Stock-Exchange Artels // Encyclopedic Dictionary by Brokgauze and Efron in 86 Volumes (84 volumes + 4 supplementary ones). – SPb., 1890 – 1907.*
19. *The History of Leninabad (Scientifico-Popular Essay). – Dushanbe: Cognition, 1986. – 380 pp.*
20. *The History of the Tajik Nation. Volumes 5. The Newest History (1917 – 1941). – Dushanbe, 2004. – 477 pp.*
21. *The History of the Working Class. Volume 1. – Dushanbe, 1978.*
22. *Nabiyeva R. Women of Tajikistan in Fight for Socialism. – Dushanbe, 1973.*
23. *Novikov I.A. “Artel” Word Etimology una Term in Russian pre-Revolutionary Legislation (Russian) // Tomsk State University // “History” Scientific Editorial Office. 2009-July 20.*
24. *Online Dictionary. Interpretation Dictionary by D.N. Uskakov. (Date of request: 06.09.2019).*
25. *Khaydarov G.Kh. Essays on the History of Socialist Building in Northern Tajikistan (1917 – 1937). – Dushanbe, 1974. – 97 pp.*
26. *Khaydarov G.Kh. The History of the Tajik SSR. – Dushanbe: Enlightenment, 1991. – 176 pp.*
27. *Khakimov N. The History of the Tajik Nation. – Dushanbe: Enlightenment, 2017. – 288 pp.*